**Такриз**

ба автореферати диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи "Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои рушди ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури техникӣ ва бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат менамояд.

Барои рушди ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури илмию мантиқӣ ва бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсей ва гимназияҳо ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ зимни амалинамоии тамоюли салоҳиятнокӣ дар таълим ва амалисозии ҳамгироии ин фанҳо мусоидат менамояд. Ҳамгироии фанҳои таълимӣ ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳимми методикаи таълим дар синфҳои ибтидоӣ, ба ҳайси усули муассири таълим баромад мекунад. Ин усул на танҳо ба баланд бардоштани сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон мусоидат менамояд, балки дар рушди тафаккури диалектикӣ ва мантиқӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, омодагии политехникӣ ва шаклгирии майлу рағбати касбии онҳо низ нақши муҳим дорад.

Аз мушоҳидаву таҳлилҳои мухтасари аз ҷониби мутахассисону муҳаққиқон гузаронидашуда маълум гардид, ки барои муайянкунии баъзе салоҳиятҳои касбии омӯзгор дар раванди таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ бояд чунин масъалаҳо интихоб карда шаванд, ки дорои ҷиҳатҳои таълимӣ ва тарбиявӣ бошанд. Дар соҳаи таълим ва тарбия низ тағйиротҳо, андешаҳои нав ва муносибатҳои педагогии ҷадид ба вуҷуд омаданд. Ҳоло талабот ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо ва гимназияҳо куллан тағйир ёфтааст.

Таҳқиқоти Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи "Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ" ба ҳамин масъалаи басо муҳиму мубрами рӯз бахшида шудааст.

Муаллиф дар муқаддимаи рисола аҳаммияти мавзуи баррасишавандаро бо далелу бурҳони амиқ хеле хуб асоснок намуда, объекту предмет, ҳадафи таҳқиқро возеҳ муайян намуда, аҳаммияти

истифодабарии таҷрибаи бисёрсолаи педагогиро дар таълиму тарбия изҳори назар намуда, андешаҳои хешро бо афкори классикони илми педагогика асоснок намудааст.

Муаллиф дар коркарди рисолаи илмии худ аз сарчашмаҳои фаровони илмиву адабӣ ва таърихӣ истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ нақши назариву амалии мавзуи мавриди таҳқиқро дар раванди таълими мактаббачагони хурдсол муфассал баён намуда, навгониҳои арзиши баланди илмидоштаро пешниҳод намудааст.

Қобили қайд аст, ки андешаҳои назарии муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзишу санҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои ба дастомада мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст ва хулосаҳои амиқи ҳаматарафа санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоднокии таҳқиқотро тақвият додааст.

Боби якуми рисола "Асосҳои назариявӣ-методологии шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ" буда, муаллиф саравввал баҳри равшанӣ андохтан ба моҳияти мавзуъ, маъно ва моҳияти мафҳумҳои "таълими ҳамгиро", "амалигардонии ҳамгироии фанҳо", "барқарор намудани ҳамгироии байни фанҳо", "омодагии касбӣ", "маҳорати педагогӣ", "дараҷаи ихтисос", "салоҳият" -ро тавсиф намуда, оид ба шароити густариш, сайри таърихӣ ва таҳаввулоти онҳо изҳори андеша намудааст.

Боби дуюми рисола, ки "Амалинамоии шароитҳои педагогии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар раванди омузиши математикаи синфҳои ибтидоӣ" номгузорӣ шудааст, аз се фасл иборат аст. Дар фасли аввали боби дуюм муаллиф оид ба таҳия ва интихоби системаи масъалаҳои математикии матнӣ нигаронии таълим мувофиқи ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ, ки дар замони имрӯза ба вуҷуд омадаанд ва аҳаммияти он дар шароити нави таълим муҳокимаронӣ намуда, дар асоси талаботи даврони нав ба ташаккули салоҳияти касбӣ ва аҳаммияти маърифативу тарбиявии фаъолияти муташаккилона хулосаҳои дуруст баровардааст.

Ниҳоят, дар боби мазкур муаллиф роҳҳои ба ҳадаф расидани татбиқи амалии мавзуи таҳқиқотро пешниҳод намудаст, ки бешубҳа, дар беҳтар шудани сифати донишазхудкунии насли наврас аҳаммияти калон дорад.

Бояд гуфт, ки автореферат аз ҷиҳати масъалагузорӣ, ҳалли масоили марбут ба ташаккули хонандагони синфҳои ибтидоӣ, банду баст ва хулосаҳои амиқи илмӣ пухта кор карда шудааст.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар асоси стандартҳои мавҷудаи илмӣ ва талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст. Автореферати диссертатсия мундариҷаи асосии рисолаи тадқиқотии муаллифро инъикос менамояд.

Унвонҷӯ Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот арзанда аст.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Назаров Аҳтам Пулотович

Тел: (+992) 908-08-2384;
E-mail: ahtam_69@mail.ru

"13" 10 2025 с.

Имзои Назаров А.П. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Н. Насурдинзода

Суроғаи муассиса: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Носир 33